Қарори
Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
№3

аз 14 июни соли 2013 ш. Душанбе

# Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунҳое, ки муносибатҳоро оид ба ӯҳдадориҳо вобаста ба расонидани зарар ба ҳаёт ё саломатии шаҳрванд ба танзим медароранд

Бо мақсади таъмини ягонагии таҷрибаи судӣ ва қонуният ҳангоми татбиқи меъёрҳои Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқи байналмиллалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, ки муносибатҳоро оид ба ӯҳдадориҳо вобаста ба расонидани зарар ба ҳаёт ё саломатии шаҳрванд ба танзим медароранд, бо дастрасии моддаи 27-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» Пленуми Суди Олӣ,-

Қарор кард:

1.Диққати суд, судяҳо ба он ҷалб карда шавад, ки мувофиқи талаботи моддаи 1-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад.

Тибқи талаботи моддаҳои 18, 21, 32, 38 ва 39-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон давлат ҳифзи судӣ ва ҷуброни зарарро барои ҷабрдида кафолат медиҳад. Товони зарари моддӣ ва маънавие, ки шахс дар натиҷаи амали ғайриқонунии мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва ё шахсони алоҳида мебинад мувофиқи қонун аз ҳисоби онҳо рӯёнида мешавад. Ҳар кас ҳаққи зиндагӣ, ҳуқуқи ҳифзи саломатӣ дорад ва ҳар шахс дар пиронсолӣ, ҳангоми бемори, маъюбӣ, гум кардани қобилияти кор, маҳрум шудан аз сарпараст ва мавридҳои дигаре, ки қонун муайян кардааст, кафолати таъмини иҷтимоӣ дорад.

Меъёрҳои дар боло овардашуда, дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (соли 1948), Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ (соли 1966) ва дигар санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, эълон карда шудаанд.

Муқарраároте, ки шарт, тартиб, андозаи ҷуброни зараре, ки ба ҳаёт ё саломатии шаҳрванд расонидашударо ба танзим медароранд, дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КГ), Кодекси меҳнат (минбаъд КМ), Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КО), Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ҳаракат дар роҳ»,

«Дар бораи ҳифзи меҳнат», «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Қоидаҳои ҳаракати роҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 1997 таҳти №565 тасдиқ шудааст, Қоидаҳои ҷуброни зарар, ки корхона, муассиса, ташкилот ба кормандон, дар натиҷаи осеб, бемории касбӣ ва ё зарари дигар ба саломатии ба иҷрои вазифаҳои меҳнатӣ алоқаманд расонидашуда, ки бо Қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 марти соли 1994 таҳти №134 дар таҳрири Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2007 таҳти №358 муқаррар карда шудааст, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёри ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба ҳифзи саломатии шаҳрвандон ва ҷуброни зарар дар натиҷаи осеб ё дигар зарари ба саломатӣ равона карда шудааст, пешбинӣ гардидаанд.

2. Парвандаҳо оид ба баҳсҳои вобаста ба ҷуброни зарари ба ҳаёт ё саломатии шаҳрванд расонидашуда, аз ҷумла, ҷуброни зарари маънавӣ ҳангоми расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатии шаҳрванд таҳти тобеияти суди юрисдиксияи умумӣ қарор доранд. (банди 1 қисми 1 моддаи 24-и Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМГ).

3. Даъвоҳо дар хусуси ҷуброни зарари дар натиҷаи осеб ё зиёни дигари ба саломатӣ расонидашуда, инчунин вобаста ба фавти шаҳрванд, аз ҷумла дар бораи ҷуброни зарари маънавӣ метавонанд ҳам ба суди маҳалли истиқомати ҷавобгар (маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ), ҳам ба суди маҳалли истиқомати худ ё маҳалле, ки дар он зарар расонида шудааст низ пешниҳод карда шаванд ( моддаи 30 ва қисми 5 моддаи 31-и КМГ).

Даъвогарон аз рӯи даъвоҳо оид ба ҷуброни зараре, ки ҳангоми расонидани осеб ба саломатӣ ё дар натиҷаи фавти шаҳрванд ба амал омадааст, тибқи талаботи зербанди 4 қисми 1 моддаи 5-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» аз пардохти боҷи давлатӣ озод карда мешаванд

Суд ба тарафе, ки ба манфиати он ҳалнома баровардааст, аз ҳисоби тарафи дигар ҳамаи хароҷоти судиро мувофиқи муқаррароти дар моддаҳои 100 ва 102-и КМГ пешбинишуда, ҷуброн менамояд.

4. Мутобиқи талаботи қисми 3 моддаи 47-и КМГ прокурор дар мурофиа вобаста ба баҳсҳои ҷуброни зарари ба ҳаёт ё саломатӣ расонидашуда иштирок намуда, хулоса медиҳад. Ҳозир нашудани прокурор ба маҷлиси судӣ, ки аз вақту маҳалли баррасии парванда огоҳ карда шудааст, ба муҳокимаи парванда монеа шуда наметавонад.

5. Ба судҳо тавзеҳ дода шавад, ки мутобиқи қисми 3 моддаи 141-и КГ, неъмат ва ҳуқуқҳои шахсии ғайри молу мулкиро бегона намудан ва бо тарзҳои дигар додан мумкин нест, ба истисноии ҳолатҳое, ки санадҳои меъёри ҳуқуқи муқаррар намудааст. Ҳуқуқ ба ҷуброни зарари ба ҳаёт ва саломатӣ расонидашудаи шаҳрванд ба таркиби мерос дохил намешавад, бинобар ин баъди вафоти шаҳрванд ворисони ӯ ҳуқуқ

доранд бо даъвои мустақилона ба суд муроҷиат намоянд, ё ба мурофиа бо тартиби ворисии ҳуқуқии мурофиавӣ (моддаи 46-и КМГ) фақат аз рӯи талабот оид ба рӯёнидани маблағи воқеан ба ҳисоби ҷуброни зарар ба ҷабрдида ҳисобкардашуда, вале дар давраи ҳаёт ба ӯ пардохтнашуда ҳамроҳ шаванд.

6. Мутобиқи банди «в»-и моддаи 231-и КГ ба талабот дар мавриди товони зиёне, ки ба ҳаёт ё саломатии шаҳрванд расонида шудааст, муҳлати даъво татбиқ намегардад. Аммо талаботе, ки бо гузашти се сол аз лаҳзаи пайдо кардани ҳуқуқ ба товони чунин зиён арз шудааст, барои муҳлати гузашта, вале на бештар аз се соли аз рӯзи арзи даъво қонеъ карда мешавад.

7. Суд, судяҳо бояд ба инобат гиранд, ки мувофиқи талаботи банди «б»-и моддаи 443-и КГ ҳангоми ҷуброни зиёни ба ҳаёт ё саломатӣ расонидашуда баҳисобгирӣ бо дигар талабот, аз ҷумла талаботи якхела номумкин аст.

8. Аз рӯи қоидаи умумии муқарраркардаи қисмҳои 1 ва 2-и моддаи 1079-и КГ масъулият барои расонидани зарар ба зиммаи шахсе, ки зарар расонидааст гузошта мешавад, агар ки ӯ бегуноҳии худро исбот нанамояд. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун, зарар сарфи назар аз гуноҳи зараррасон тибқи талаботи қисми 1 моддаи 1086, қисми 2-и моддаи 1094, моддаи 1111, қисми 2 моддаи 1115-и КГ, рӯёнида мешавад. Масъулият барои рӯёнидани зарар метавонад ба зиммаи шахсоне, ки зараррасон намебошанд, гузошта шавад (моддаҳои 1084, 1086, 1088, 1089, 1094 ва 1111-и КГ).

Эҳтимолияти гуноҳи зараррасон, ки дар моддаи 1079-и КГ муқаррар карда шудааст, дар назар дорад, ки далели мавҷуд набудани гуноҳро бояд худи ҷавобгар пешниҳод намояд. Ҷабрдида далели ҳолати бардоштани осеб ё дигар зарар ба саломатиро (масалан, ҳолати расонидани зарар дар натиҷаи ҳодисаи садамаи нақлиётӣ бо иштироки ҷавобгар, ҳодисаи нохуш дар истеҳсолот), андозаи ҷуброни зарар, инчунин далеле, ки ҷавобгар шахси зарарасон буда ё шахсе, ки тибқи қонун ӯҳдадор аст зарарро ҷуброн намояд, пешниҳод мекунад.

9. Ҳангоми расонидани зарар дар ҳолати мудофиаи зарурӣ (моддаи 1081-и КГ) зарар бо асосҳои умумии масъулият барои расонидани зарар (моддаи 1079-и КГ) танҳо дар ҳолати аз ҳадди мудофиа баромадан сурат гирифта бошад, ҷуброн карда мешавад.

Бояд дар назар дошт, ки мудофиаи зарурӣ - ин ҳимояи шахсият ва ҳуқуқҳои мудофиакунанда ё шахси дигар, манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи ҷомеа ё давлат аз таҷовузи барои ҷамъият хавфнок бо роҳи расонидани зарар ба таҷовузкунанда содир шудааст, агар ин таҷовуз бо зӯроварӣ барои ҳаёти мудофиакунанда ё шахси дигар хавфнок бошад, ё ин ки бо таҳдиди бевоситаи истифодаи чунин зӯроварӣ алоқаманд аст, мебошад.

Расонидани зарар дар ҳолати аз ҳадди мудофиаи зарурӣ баромадан, амали зиддиҳуқуқӣ мебошад. Ҳаракати қасдонае, ки баръало ба

хусусияту дараҷаи хавфнокии таҷовуз мувофиқ нест, баромадан аз ҳадди мудофиаи зарурӣ эътироф карда мешавад.

Суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки дар чунин маврид, ҳаҷми ҷуброн вобаста аз дараҷаи гуноҳи ҳам зараррасон ва ҳам ҷабрдида, ки ҳаракати ӯ ба расонидани зарар сабаб гардидааст, муайян карда мешавад. Ҳамзамон, суд ҳуқуқ дорад вазъи молумулкии зараррасон-шаҳрвандро ба инобат гирад (моддаи 1099-и КГ).

10. Зарари дар ҳолати зарурати ниҳоӣ, яъне рафъи хатари ба худи зараррасон ё дигар шахс таҳдидкунанда расонидашуда, агар рафъи ин таҳдид дар ҳамин ҳолат бо усули дигар имконнопазир бошад, бояд аз ҷониби шахси зараррасон ҷуброн карда шавад (моддаи 1082-и КГ) .

Бо назардошти ҳолате, ки вобаста ба он чунин зарар расонида шудааст, суд метавонад ӯҳдадории ҷуброни зарарро ба зиммаи шахси сеюм, ки ба манфиати он зараррасон амал кардааст, гузорад ё ҳам зараррасон ва ҳам шахси сеюмро пурра ё қисман аз ҷуброни зарар озод кунад.

11. Ҷавобгарии шахси ҳуқуқӣ ё шаҳрванд, ки дар моддаи 1083-и КГ пешбинӣ гардидааст, барои зараре, ки корманди он ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои меҳнатӣ (хизматӣ, вазифавӣ)-и худ расонидааст, ба вуҷуд меояд.

Ба суд, судяҳо тавзеҳ дода шавад, ки зери мафҳуми аз ҷониби корманд иҷрои ӯҳдадориҳои меҳнатӣ, (хизматӣ, вазифавӣ) бояд ҳам фаъолияте, ки бо шартномаи меҳнатӣ пешбинӣ шудааст ва ҳам фаъолияте, ки берун аз доираи шартнома мебошад, агар онро корфармо (шахси ҳуқуқӣ ё шаҳрванд) вобаста ба зарурияти истеҳсолӣ ё дигар зарурияти ба ҷараёни кор алоқаманд супориш дода бошад, фаҳмида шавад.

Ӯҳдадориҳо оид ба ҷуброни зарар мумкин аст ба зиммаи шаҳрвандоне, ки корҳоро дар асоси шартномаи ҳуқуқи гражданӣ иҷро мекунад, ба шарте ки ин шахсон тибқи супориш ё таҳти назорати шахси дахлдори ҳуқуқӣ ё шаҳрванди масъули пешбурди бехатарии корҳо амал кардаанд ё мебоист амал кунанд, вогузор карда шуданаш мумкин аст.

Ширкатҳои хоҷагидорӣ ва кооперативҳои истеҳсолӣ зарареро, ки иштирокчиён (аъзо)-и он ҳангоми аз ҷониби охирин анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ, истеҳсолӣ ё навъи дигари фаъолияти ширкат ё кооператив расонидаанд, ҷуброн менамоянд.

Муассиса, корхона, ташкилот, (минбаъд корхона) новобаста аз шакли моликият ва фаъолияти хоҷагидорӣ барои зарари ба саломатии кормандон, хизматчиён ва шаҳрвандон, ки тибқи шартномаҳои ҳуқуқи граждании пудрат ва супориш кор мекунанд, маъюбии меҳнатӣ, ки бо гуноҳи корхона чӣ дар ҳудуди ин корхона ва берун аз он, инчунин дар вақти тавассути нақлиёти пешкашкардаи корхона ба кор омадан ё рафтан ба миён меояд, масуъулияти моддиро ба ӯҳда дорад (банди 2-и Қоидаҳо оид ба ҷуброни зарар).

Ҳамзамон, ба суд, судяҳо тавзеҳот дода шавад, ки шахси ҳуқуқӣ ғайр аз муассисаҳое, ки аз ҷониби молик маблағгузорӣ мешаванд, аз рӯи

ӯҳдадориҳои худ бо тамоми молу мулкашон масъулият доранд.

Корхонаи давлатӣ ва муассисаи аз ҷониби молик маблағгузоришаванда аз рӯи ӯҳдадориҳои худ мувофиқи тартиб ва дар асоси шартҳои пешбининамудаи қисми 8 моддаи 125, моддаҳои 126 ва 127-и КГ масъулият доранд.

Муассиси (иштирокчии) шахси ҳуқуқӣ ё молики он, ба истисноии ҳолатҳои дар КГ ё ҳуҷҷатҳои таъсиси шахси ҳуқуқӣ пешбинигардида аз рӯи ӯҳдадориҳои шахси ҳуқуқӣ, шахси ҳуқуқӣ бошад, аз рӯи ӯҳдадориҳои муассис (иштирокчӣ) ё молик масъулият надорад.

12. Барои зараре, ки ноболиғони ба синни чордаҳсолагӣ нарасида (хурдсолон) расонидаанд, падару модари онҳо (фарзандхондагон) ё васиён, агар исбот карда натавонанд, ки зарар бо гуноҳи онҳо расонида нашудааст, ҷавобгар мебошанд.

Агар хурдсоли мӯҳтоҷи васоят дар муассисаи дахлдори тарбиявӣ, муассисаи муолиҷавӣ, муассисаи ҳифзи иҷтимоӣ ё дигар муассисаи шабеҳ қарор дошта бошад, ки бо ҳукми қонун васии он ба ҳисоб меравад, агар исбот карда натавонад, ки зарар бо гуноҳи ӯ содир нашудааст, ин муассиса вазифадор аст зарари расонидаи хурдсолро ҷуброн намояд.

Зери гуноҳи намояндагони қонунӣ бояд нисбат ба ноболиғон ҷорӣ накардани назорати дахлдор, инчунин муносибати бемасъулиятона ба тарбияи онҳо ё ғайриқонунӣ истифода кардани ҳуқуқҳои худ нисбат ба фарзандон, ки натиҷаи рафтори нодурусти онҳо боиси расонидани зарар гардидааст, (беназоратӣ ё қадр кардани амалҳои нодурусти онҳо, набудани диққат ба тарбияи онҳо) фаҳмида шавад.

Дар ҳолати аз ҷониби хурдсоли таҳти назорати муассисаҳои таълимӣ, тарбиявӣ, муолиҷавӣ ё дигар муассиса қарордошта, ки он муассиса вазифадор буд назорати ӯро ба амал барорад, (мактабҳои давлатӣ ё хусусӣ, лагерҳои солимгардонӣ, беморхонаҳо) инчунин шахсе, ки дар асоси шартнома ӯро назорат менамуд, зарар расонида шуда бошад, ин муассиса ё шахс, агар исбот карда натавонанд, ки зарар бо гуноҳи онҳо расонида нашудааст, барои ин зарар ҷавобгар мебошанд. Зери гуноҳи ин шахсон ба амал наовардани назорати дахлдор нисбат ба ноболиғон дар лаҳзаи расонидани зарар фаҳмида мешавад.

Ҳангоми исботи ҳолати расонидани зарар ҳам бо гуноҳи намояндаи қонунӣ ва ҳам бо гуноҳи шахсе, ки назорат менамуд, зарар аз рӯи асоси масъулияти ҳиссавӣ вобаста аз гуноҳи ҳар кадоме ҷуброн карда мешавад.

Агар дар вақти баррасии парванда хурдсоли зараррасон ба синни чордаҳсолагӣ расида бошад, масъулияти ӯ тибқи қоидаҳои моддаи 1088-и КГ ба вуҷуд меояд, зеро дар вақти расонидани зарар зараррасон хурдсол буд.

Ӯҳдадории шахсони дар боло нишондодашуда оид ба ҷуброни зарари расонидаи хурдсол бо пурра қобили амал гардидани ӯ қатъ намегардад. Ин шахсон ҳуқуқ надоранд нисбат ба шахси зараррасон

талаботи мутақобила (регрессӣ) пешниҳод намоянд (қисми 5 моддаи 1096-и КГ).

Дар баробари ин, бояд дар назар дошт, ки агар падару модари (фарзандхондагон) ё васиён фавтида бошанд ё онҳо, инчунин шаҳрвандони дигаре, ки дар қисми 3 моддаи 1088-и КГ зикр шудаанд, барои ҷуброни зарари ба ҳаёт ё саломатии ҷабрдида расонидашуда маблағи кофӣ надошта бошанд ва худи зараррасон, ки пурра қобили амал гардидааст ва дорои чунин маблағ бошад, суд бо назардошти вазъи молумулкии ҷабрдида ва зараррасон, инчунин дигар ҳолатҳо ҳуқуқ дорад дар бораи пурра ё қисман аз ҳисоби худи зараррасон ҷуброн намудани зарар қарор қабул кунад.

13. Ҳангоми ҳалли баҳсҳои вобаста ба ҷуброни зараре, ки аз ҷониби ноболиғи аз синни чордаҳсола то ҳаждаҳсола расонида шудааст, судҳо бояд онро ба назар гиранд, ки мувофиқи талаботи қисми 1 моддаи 1089-и КГ зарар дар ҳаҷми пурра бо асосҳои умумӣ аз ҷониби худи ноболиғ ҷуброн карда мешавад (моддаи 1079-и КГ).

Агар ноболиғе, ки масъулияти ҷуброни зарар ба зиммааш гузошта шудааст, барои ҷуброни зарар амвол ё манбаи дигари даромади барои ҷуброни зарар кофӣ надошта бошад, ӯҳдадории ҷуброни зарар пурра ё дар қисмати нокифояи ба падару модар (фарзандхондагон) ё парасторон, инчунин ба зиммаи муассисаи дахлдори тарбиявӣ, муассисаи муолиҷавӣ ё муассисаи ҳифзи иҷтимоӣ ё дигар муассисаи шабеҳе, ки бо ҳукми қонун парастори ӯ ба шумор меравper, агар ин муассисаҳо исбот карда натавонанд, ки зарар бо гуноҳи онҳо расонида нашудааст вогузор карда мешавад.

Ӯҳдадории онҳо оид ба ҷуброни зарар аз лаҳзаи ба балоғат расидани зараррасон, ё аз вақте ки то ба балоғат расидан соҳиби молу мулк ё дигар сарчашмаи даромад, ки барои ҷуброни зарар кофист, мегардад ё вақте ки то ба балоғат расидан ӯ қобили пурраи амал гардид, қатъ мегардад.

14. Суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки ба зиммаи падар ё модари аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрумшуда, масъулияти ҷуброни зарареро, ки фарзандони ноболиғи онҳо дар ҷараёни се соли баъди аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум гардидани онҳо расонидаанд, агар рафтори кӯдаке, ки боиси расонидани зарар гардидааст, оқибати ба таври муносиб анҷом надодани ӯҳдадории тарбияи фарзанд аз ҷониби падару модар бошад, мумкин аст гузорад (моддаи 1090-и КГ).

Зери мафҳуми ба таври дахлдор иҷро накардани ӯҳдадориҳои падару модар муносибати бемасъулиятона нисбат ба тарбияи кӯдакони худ, ки мумкин дар саркашӣ кардан аз ӯҳдадории таълим ва инкошофи маънавии онҳо, рафтори зиддиахлоқӣ ва зиддиҷамъиятии падару модар, ки ба фарзандон таъсири манфӣ мерасонад, тарзҳои тарбияи нодуруст, ки ба зӯроварии ҷисмонӣ ва руҳӣ ба кӯдакон ва ғайра ифода ёбад, фаҳмида мешавад.

15. Ҳангоми ҳалли баҳсҳо оид ба ҷуброни зарари ба ҳаёт ё саломатӣ, ки дар натиҷаи қасди ҷабрдида расонида шудааст, суд, судяҳо бояд ба

инобат гиранд, ки тибқи талаботи қисми 1 моддаи 1099-и КГ, чунин зарар ҷуброн карда намешавад.

Агар беэҳтиётии дағалии худи ҷабрдида боиси ба миён омадан ё афзоиши зарар гардида бошад, пас вобаста ба дараҷаи гуноҳи ӯ андозаи ҷуброн мутаносибан кам карда мешавад. Дар ин маврид бояд дар назар дошт, ки ҳангоми расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатии шаҳрванд ба рад кардани ҷуброн роҳ дода намешавад.

Масъалаи он, ки оё ин беэҳтиётии ҷабрдида дағал мебошад, дар ҳар ҳолат бояд бо дарназардошти ҳолатҳои воқеии парванда (хусусияти фаъолият, ҳолатҳои расонидани зарар, хусусиятҳои фардии ҷабрдида вазъи ӯ ва дигар ҳолатҳо) ҳал карда мешавад. Масалан, ҳолати мастии ҷабрдида, ки боиси ба миён омадан ё афзоиши зарар гардидааст, беэҳтиётии дағалона эътироф карда шуданаш мумкин аст.

Ҳангоми ҷуброни хароҷоти иловагӣ (қисми 1 моддаи 1101-и КГ), ҷуброни зарар вобаста ба фавти саробон (моддаи 1104-и КГ), инчунин дар мавриди ҷуброни хароҷоти маросими дафн (моддаи 1110-и КГ), гуноҳи ҷабрдида ба инобат гирифта намешавад.

16. Суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки зарари бо фаъолияти барои атрофиён хатари калон бавуҷудоранда (манбаи хатари калон) расонидашуда, аз ҷониби моликони манбаи хатари калон новобаста аз гуноҳи онҳо ҷуброн карда мешавад.

Мафҳуми «манбаи хатари калон» дар қисми 1 моддаи 1094-и КГ оварда шудааст.

Бинобар он, ки меъёри номбаршуда номгӯи истисноии манбаи хатари калондоштаро надорад, суд хусусиятҳои хоси предмет, ашё ё дигар объектҳои дар ҷараёни фаъолият истифодашавандаро ба назар гирифта, ҳуқуқ дорад дигар фаъолиятҳоро низ манбаи хатари калондошта эътироф намояд. Ба манбаи хатари калон мансуб донистани фаъолияти ин ва ё он объект аз хусусияти зарароварӣ ва ғайриимкон будани назорати пурраи он аз ҷониби инсон вобаста мебошад.

Масъалаи манбаи хатари калон эътироф намудани фаъолияти ин ё он объектро суд дар асоси хулосаи экспертизаи дахлдор (техникӣ, кимиёвӣ, электротехникӣ ва ғайра) ҳал мекунад.

Дар ин маврид, бояд ба назар гирифта шавад, ки зарар бо манбаи хатари калон расонида шуда ҳисоб мешавад, агар манбаи хатари калон натиҷаи амал ё бавуҷудоии хусусиятҳои зарароварӣ он гардида бошад. Дар дигар ҳолатҳо зарар бо асосҳои умумӣ тибқи қоидаҳои моддаи 1079-и КГ ҷуброн карда мешавад.

17. Суд, судяҳо бояд ба инобат гиранд, ки мувофиқи талаботи қисми 2 моддаи 1094-и КГ ӯҳдадории ҷуброни зарар ба зиммаи шахси ҳуқуқӣ ё шаҳрванде гузошта мешавад, ки манбаи дорои хатарро дар асоси ҳуқуқи моликият, ҳуқуқи пешбурди хоҷагидорӣ ё ҳуқуқи идораи оперативӣ ё тибқи ҳама гуна асосҳои дигари қонунӣ (шартномаи кироягӣ амвол, эътимоднома) барои идораи воситаи нақлиёт, бо ҳукми фармоиши мақомоти салоҳиятдор оид ба интиқоли манбаъ ва ғайра) соҳибӣ менамоянд.

Мувофиқи талаботи моддаҳои 1083 ва 1094-и КГ шахсе, ки манбаи дорои хатари калонро ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои меҳнатӣ (хизматӣ, вазифавӣ)-и худ дар асоси шартномаи меҳнатӣ (қарордод), инчунин дар асоси шартномаи ҳуқуқи граждании бо молик ё дигар соҳиби манбаи дорои хатари калон идора кунад, он гоҳ ӯ барои ҷуброни зарари расонидашудаи манбаи дорои хатари калон дар назди ҷабрдида ҷавобгӯ намебошад.

Ба шахсе, ки ӯҳдадориҳои меҳнатии худро дар асоси шартномаи меҳнатӣ (қарордод) иҷро карда, бо истифода аз воситаи нақлиёти ба корфармо тааллуқдошта ба ҳаёт ё саломатии шаҳрванд зарар расонидааст, ҷуброни зарар ба ӯ ба шарте вогузор карда мешавад, ки агар исбот карда шавад, ки ӯ воситаи нақлиётро зиддиқонунӣ тасарруф намудааст (қисми 4 моддаи 1094-и КГ).

18. Ҳангоми муайян кардани субъекти ҷавобгарӣ барои зараре, ки ба ҳаёт ё саломатии шахси сеюм тавассути иҷораи воситаи нақлиётӣ, механизмҳо, таҷҳизот, дастгоҳҳои он ва ғайра, ба ихтиёрдорӣ ва истифодаи муваққатӣ аз рӯи шартномаи иҷораи воситаи нақлиёт бо экипаж ё бе экипаж бояд дар назар дошт, ки ҷавобгарӣ тибқи қоидаҳои боби 55-и Кодекси гражданӣ сурат мегирад (моддаҳои 653, 661, 663 ва 669-и КГ).

19. Соҳибони манбаи дорои хатари калон, агар исбот кунанд, ки зарар дар натиҷаи қувваи рафънопазир ё нияти бадқасдонаи ҷабрдида рӯх додааст, мумкин аст аз ҷавобгарӣ озод карда шаванд (қисми 2 моддаи 1094-и КГ). Зери мафҳуми қувваи рафънопазир ҳолатҳои фавқулодда ё ногузир дар ҳамин шароити мавҷуда фаҳмида мешавад (банди «а» қисми 1 моддаи 226, қисми 3 моддаи 432-и КГ).

Таҳти мафҳуми нияти бадқасдонаи ҷабрдида рафтори ғайриқонунии ӯ, ки ҷабрдида натанҳо натиҷаи зарарро пешбинӣ мекунад, балки мехоҳад ё бошуурона барои бавуҷудоии оқибати он роҳ медиҳад, дониста мешавад.

20. Суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки тибқи Қоидаҳои ҷуброни зарар, зарари манбаи хатари калон ба корманд ҳангоми иҷрои вазифаҳои меҳнатии ӯ расонидашуда, аз ҷониби корхона (соҳибони манбаи хатари калон) пурра ҷуброн карда мешавад, агар исбот накунад, ки зарар дар натиҷаи қувваҳои рафънопазир ё қасди ҷабрдида ба вуҷуд омадааст.

Агар ба саломатии корманд зарар бо манбаи хатари калондошта расонида нашуда бошад, корхона аз ҷуброни зарар озод карда мешавад, агар исбот намояд, ки зарар бо гуноҳи ӯ расонида нашудааст (банди 3-и Қоидаҳо оид ба ҷуброни зарар).

Осеби меҳнатӣ бо гуноҳи корхона ба вуҷудомада ҳисоб мешавад, агар он дар натиҷаи таъмин накардани шароитҳои бехатарӣ ва солимии меҳнат (риоя накардан қоидаҳои ҳифзи меҳнат, бехатарии техникӣ, тозагии истеҳсолотӣ) ва ғайраҳо ба миён омада бошад.

Далели масъулияти корхона барои зарари расонидашуда метавонад инҳо бошанд:

-ҳуҷҷатҳо ва нишондоди шоҳидон; санади дар бораи ҳодисаи нохуш, ҳукм, ҳалномаи суд, қарори прокурор, мақомоти таҳқиқ ё тафтишоти пешакӣ; хулосаи нозири техникии меҳнат ё дигар шахси мансабдор (мақомот), ки назоратро дар соҳаи ҳолати ҳифзи меҳнат ва риояи қонунгузории меҳнат, оид ба сабабҳои зарар ба саломатиро ба амал мебароранд; хулосаи тиббӣ оид ба бемории касбӣ, қарор дар бораи таъини ҷазои маъмурӣ ё интизомӣ ба шахси мансабдор, қарори иттифоқи касаба дар бораи ба ташкилот ҷуброн намудани буҷаи суғуртаи иҷтимоии давлатӣ ба пардохти кумакпулӣ барои корношоямии муваққатии ба маъюбии меҳнатӣ вобастабуда ва ғайра (б.4-5 Қоидаҳои ҷуброни зарар).

21. Барои дуруст ҳал кардани парвандаҳои вобаста ба зарари ба ҳаёт ё саломатӣ расонидашуда, судя, судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки тибқи талаботи қисми 3-и моддаи 1094-и КГ, соҳибони манбаъҳои хатари калон аз рӯи қоидаҳои моддаи 1095-и КГ, барои зарари дар натиҷаи амали мутақобилаи манбаъҳо (бархӯрди воситаҳои наклиёт ва ғайра) ба шахси сеюм расонидашуда тибқи асосҳои пешбининамудаи қисми 1-и ҳамин модда масъулияти муштарак доранд

Қарздори муштарак, ки зарари якҷоя расонидаро ҷуброн намудааст, ҳақ дорад аз ҳар як зараррасони дигар ҳиссаи ба ҷабрдида пардохтнамудаашро талаб намояд. Муайян намудани ҳисса оид ба ӯҳдадориҳои мутақобила (регрессӣ) тибқи қоидаҳои қисми 2 моддаи 1096-и КГ, яъне дар ҳаҷми мутаносибан ба гуноҳи ҳар як қарздор, ба амал баровардa мешавад. Агар муайян кардани дараҷаи гуноҳ ғайриимкон бошад, ҳиссаҳо баробар эътироф карда мешаванд.

Зарари дар натиҷаи амали мутақобилаи манбаъҳои хатари калон ба соҳибони он расонидашуда тибқи асосҳои умумӣ ҷуброн карда мешавад.

Дар ин ҳолат:

-зарари бо гуноҳи як тараф расонидашуда дар ҳаҷми пурра аз ҷониби ҳамин тараф ҷуброн карда мешавад;

- зарари бо гуноҳи ҳарду тараф ё якчанд тараф расонидашуда мутаносибан ба гуноҳи ҳар кадоме аз онҳо ҷуброн карда мешавад.

Ҳангоми имконнопазирии муқаррар намудани андозаи гуноҳи ҳар кадоме аз тарафҳо масъулият байни онҳо баробар тақсим карда мешавад.

Дар сурати мавҷуд набудани гуноҳи тарафҳо дар зараррасонӣ ҳеҷ яке аз онҳо ҳуқуқ надоранд ҷуброни зарарро талаб намоянд. Ҳар яке аз тарафҳо дар чунин ҳолат таваккалии зарари расонидашударо ба ӯҳда дорад.

22. Соҳиби манбаи дорои хатари калон барои зараре, ки ин манбаъ расонидааст, агар исбот карда тавонад, ки манбаъ дар натиҷаи амали ғайриқонунии дигар шахс аз ихтиёри ӯ бaромадааст, ҷавобгар намебошад. Дар чунин ҳолат, масъулият барои зарари расонидаи манбаи дорои хатари калон ба зиммаи шахсоне вогузошта мешавад, ки манбаи дорои хатари калонро ғайриқонунӣ тасарруф намудаанд. Дар мавриди мавҷуд будани гуноҳи соҳиби он дар ғайриқонунӣ тасарруф намудани

манбаи дорои хатари калон (масалан бо тарзи дахлдор таъмин накардани муҳофизати манбаи дорои хатари калон) масъулият ҳам ба зиммаи соҳиби манбаъ ва ҳам ба зиммаи шахсони манбаъро ғайриқонунӣ тасарруфнамуда вогузошта мешавад.

23. Бо дарназардошти талаботи моддаи 32-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳаракат дар роҳ» ҳамаи воситаҳои нақлиёте, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаракати роҳ иштирок карда, дар мақомоти Бозрасии давлатии автомобилӣ ба қайд гирифта мешаванд, бояд аз бобати масъулияти шаҳрвандӣ барои расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон ё расонидани зарари моддӣ дар рафти истифодаи ин воситаҳои нақлиёт, суғурта карда мешаванд, талабот оид ба ҷуброни зарари дар натиҷаи садамаи нақлиётӣ ба ҳаёт ва ё саломатӣ расонидашуда, мумкин аст бевосита ба соҳиби воситаи нақлиёт (суғуртакунанда) пешниҳод карда шавад. Дар ин маврид, судя тибқи талаботи моддаи 153-и КМГ, масъалаи ба парванда ҷалб намудани ташкилоти суғуртаро (суғуртакунанда), ки масъулияти граждании соҳиби воситаи нақлиётро суғурта намудааст, ҷиҳати ҳал намудани масъалаи рӯёнидани маблағи суғуртавӣ ҳал намояд.

Агар барои пурра ҷуброн намудани зарар маблағи суғурта нокифоя бошад, фарқи байни маблағи суғурта ва андозаи воқеии зарарро шахси ҳуқуқӣ ё шаҳрванде, ки масъулияти худро тибқи тартиби суғуртаи ихтиёрӣ ё суғуртаи ҳатмӣ суғурта кардааст, мепардозад.

24. Бояд дар назар дошт, ки тибқи талаботи моддаҳои 156-и КМ ва 1101-и КГ ба ҳаҷми зарари ҷуброншаванда, ки ба осеб ё дигар зарари ба саломатии шаҳрванд расонидашуда дохил мешаванд:

- музди меҳнат (даромаде), ки ӯ дошт ё баръало гирифта метавонист. Дар ин ҳолат бояд дарназар дошт, ки ҳангоми муайян кардани музди меҳнат (даромади) аздастрафта нафақаи маъюбӣ, ки ба ҷабрдида вобаста ба осеб ё зарари дигари ба саломатии ӯ расонидашуда таъин гардидааст, ҳамчунин дигар навъи нафақаҳо, кӯмакпулиҳо ва навъи дигари пардохт, ки то расонидани осеб ба саломатӣ ва ҳам баъди он аз ҳисоби ҷуброн таъин гардидаанд, ба ҳисоб гирифта намешавад. Ба ҳисоби ҷуброни зарар, инчунин музди меҳнате, ки ҷабрдида баъди расонидани зарар ба саломатӣ мегирад, дохил карда намешавад;

-хароҷоти вобаста ба осеб дидани саломатӣ (барои муолиҷа, хӯроки иловагӣ, истеъмоли доруворӣ, протезкунонӣ, нигоҳубини шахси дигар, муолиҷаи санитарию курортӣ, ба даст овардани воситаҳои махсуси нақлиёт, омодагӣ ба омӯхтани касби нав ва ғайра), агар эътироф гардида бошад, ки ҷабрдида ба чунин навъи кӯмак ва нигоҳубин мӯҳтоҷ аст ва барои гирифтани кӯмаки ройгон ҳуқуқ надорад, ҷуброн карда мешавад.

Суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки ҳангоми ҳалли масъалаҳо оид ба ҷуброни хароҷот, ки бинобар расонидани зарар ба саломатӣ ба миён омадаанд, Қоидаҳои ҷуброни зарарро ба роҳбарӣ гиранд. Эҳтиёҷ доштан ба намудҳои муайяни хароҷот дар асоси хулосаи мутахассисони дахлдор ҳал карда мешавад.

25. Андозаи музди меҳнат (даромади) дар натиҷаи ба саломатӣ расонидани зарари аздастрафта, тибқи талаботи қисми 1 моддаи 1102-и КГ бо фоиз нисбат ба музди миёнаи меҳнат (даромад) то бардоштани осеб ё зарари дигар ба саломатӣ ё то фарорасии гум кардани қобилияти меҳнат, дараҷаи дахлдории гум кардани қобилияти кории касбӣ ва дар сурати мавҷуд набудани он коршоямии умумӣ муайян карда мешавад.

Дараҷаи гум кардани қобилияти кории касбии ҷабрдида дар натиҷаи бардоштани осеби меҳнатӣ аз ҷониби Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоӣ бо фоиз мувофиқи тартиби қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад (банди 9-и Қоидаҳои ҷуброни зарар).

Музди меҳнати (даромади) ҷабрдида, ки дар натиҷаи ба саломатӣ расонидани зарар аз даст рафтааст, тибқи муқаррароти қисми 2 моддаи 1102-и КГ ва Қоидаҳои ҷуброни зарар муайян карда мешавад.

Агар дар музди меҳнати (даромади) ҷабрдида то ба саломатии ӯ расонидани осеб ё зарари дигар тағйироти устуворе рӯх дода бошад, ки вазъи молумулкии ӯро беҳ менамояд, (вобаста ба вазифаи хизматӣ музди меҳнат баланд шуда бошад, ба кори нисбатан музди меҳнаташ баланд гузаронида шуда бошад, баъди хатми муассисаи таҳсилоти рӯзона ба кор қабул гардида бошад) ва дар дигар ҳолатҳо, ки устувории тағйирот ё эҳтимолияти тағйирёбии музди меҳнат исбот карда мешавад, ҳангоми муайян намудани музди миёнаи меҳнат танҳо музди меҳнат (даромаде), ки ӯ баъди тағйиротҳои дахлдор гирифтааст ё мебоист гирад, ба ҳисоб гирифта мешавад. Пешниҳод намудани коре, ки аз рӯи дараҷаи баланд мунтазам музди меҳнат зиёд карда мешавад, метавонад оид ба устувории баландшавии музди меҳнат шаҳодат диҳад.

26. Суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки тибқи моддаи 1103-и КГ, дар сурати расонидани осеб ё ба таври дигар расонидани зарар ба саломатии ноболиғ, ки ба синни чордаҳсолагӣ нарасидааст ва музди меҳнат надорад, шахси барои расонидани зарар гунаҳкор вазифадор аст хароҷоти вобаста ба зарар дидани саломатиро ҷуброн намояд.

Бо дарназардошти он, ки ноболиғи аз чордаҳ то ҳаждаҳсола ҳақ дорад, қобилияти худро ба меҳнат амалӣ намуда, музди меҳнати худро дошта бошад (моддаи 174-и КМ), ҳангоми расонидани зарар ба ҷабрдидаи ноболиғ, ғайр аз хароҷоти вобаста ба зарари ба саломатӣ расонидашуда, инчунин зарари вобаста ба гум кардани қобилияти меҳнат ё кам гардидани он ҷуброн карда мешавад. Дар ин маврид, ҷуброни зарар бо назардошти андозаи даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳои муқаррарнамудаи қонун ҳисоб карда мешавад.

Агар то лаҳзаи расонидани зарар ба саломатӣ ҷабрдида дорои музди меҳнат бошад, дар ин сурат зарар бо назардошти андозаи ин маблағ ҷуброн карда мешавад. Ба сифати кафолати ҳуқуқи ноболиғон, муайян карда шудааст, ки музди меҳнат, ки аз он ҷуброни зарар ҳисоб карда мешавад, набояд аз андозаи даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳои муқаррарнамудаи қонун камтар бошад.

Баъди оғози фаъолияти меҳнатӣ ҷабрдида ҳуқуқ дорад бо назардошти маоши гирифтааш, вале на камтар аз мукофотпулие, ки тибқи мансаби ишғолнамудааш муқаррар гардидааст ё музди меҳнати корманди дорои ҳамин дараҷаи тахассусии ҷои кораш, афзоиши ҷуброни зарарро талаб намояд.

27. Доираи шахсоне, ки вобаста ба марги шаҳрванд ба ҷуброни зарар ҳуқуқ доранд дар қисмҳои 1-2 моддаи 1104-и КГ муқаррар шудааст.

Ба ин шахсон дохил мешаванд;

-шахсони ғайри қобили меҳнати таҳти таъмини шахси фавтида қарордошта ё то рӯзи марги ӯ ба гирифтани таъминоти ӯ ҳуқуқдошта, фарзанди фавтида, ки пас аз марги ӯ ба дунё омадааст, инчунин яке аз падару модарон, ҳамсар ё дигар аъзои оила, сарфи назар аз қобилияти меҳнатӣ, ки кор намекунад ва фарзандон, наберагон, бародарон ва хоҳарони шахси фавтидаро, ки ба синни чордаҳсолагӣ нарасидаанд ё ҳарчанд ба синну соли зикршуда расида бошанд ҳам ва тибқи хулосаи мақомоти тиббӣ вобаста ба саломатӣ мӯҳтоҷи нигоҳубини дигаронанд, нигоҳубин менамоянд, ба ҷуброни зарар ҳуқуқ доранд, инчунин шахсоне, ки таҳти таъминоти шаҳрванди фавтида буда, дар тули панҷ соли баъди фавти ӯ ғайри қобили меҳнат гардидаанд, доро мебошанд.

Диққати суд, судяҳо ба он ҷалб карда шавад, ки ҳуқуқи шахси ғайриқобили дар таъминот буда ба ҷуброни зарар дар ҳолати гум кардани саробон ба он, ки онҳо ба саробон дар кадом дараҷаи хешутаборӣ қарор доранд, вобаста карда намешавад. Дар ин маврид, ҷой доштани воқеияти таҳти саробонӣ ва ғайриқобили меҳнат будани ӯ аҳамияти муҳим дорад.

Шахсони таҳти саробонӣ қарор дошта, онҳое эътироф карда мешаванд, ки дар таъминоти пурраи фавтида буданд ё аз ӯ кумаке мегирифтанд, ки барои онҳо сарчашмаи асосӣ ва доимӣ барои зиндагиашон ба ҳисоб мерафт. Таҳти саробонӣ будани фарзандони ба синни 18 солагӣ нарасида дар назар дошта шуда исботро талаб намекунад.

Ноболиғоне, ки ба синни 18 солагӣ нарасидаанд ё шаҳрвандоне, ки аз ин синну сол калонанд, агар онҳо то синни 18 солагӣ маъюб гардида бошанд, мардони ба синни 60 солагӣ ва занони ба синни 55 солагӣ расида ё бо тартиби муқарранамудаи қонун маъюб эътироф карда шудаанд, шахсони ғайри қобили меҳнат ба ҳисоб мераванд.

Зарар чунин ҷуброн мегардад:

- ба ноболиғон то расидан ба синни ҳаждаҳсолагӣ;
- ба хонандагони ҳаждаҳсола ва болотар аз он - то хатми таҳсил дар муассисаҳои таълимии рӯзона, вале на бештар аз синни то бисту сесолагӣ;
- ба занони аз синни панҷоҳу панҷ боло ва мардони аз синни шастсола боло умрбод;
- ба маъюбон -ба мӯҳлати маъюбӣ;
- ба яке аз падару модар, ҳамсар ё дигар аъзои оила, ки ба нигоҳубини фарзандон, наберагон, хоҳару бародарони таҳти таъминоти

шахси фавтида қарордошта машғул аст, то ба синни чордаҳсолагӣ расидани онҳо ё тағйир ёфтани вазъи саломатӣ.

28. Тибқи талаботи моддаи 1105-и КГ ба шахсоне, ки вобаста ба марги шаҳрванд ба ҷуброни зарар ҳуқуқ доранд, зарар ба андозаи ҳамон қисми музди меҳнат (даромад)-и фавтида ҷуброн карда мешавад, ки мувофиқи қоидаҳои моддаи 1102-и ҳамин Кодекс ба ҳисоб гирифта шудааст ва онҳо онро ҳангоми дар ҳаёт будани ӯ барои таъминоти худ мегирифтанд ё ҳуқуқи гирифтани онро доштанд.

Дар ин маврид, суд, судяҳо бояд ба инобат гиранд, ки тартиби муайян намудани ҳиссаи музди меҳнати фавтида дар банди 27-и Қоидаҳои ҷуброни зарар оварда шудааст.

Ба таркиби даромади фавтида, дар баробари музди меҳнат, инчунин нафақае, ки ҳангоми дар ҳаёт будан мегирифт, таъмини умрбодӣ ва дигар пардохтҳои ба ин монанд масалан, алименте, ки суд таъин намудааст, дохил карда мешавад.

Ҳангоми муайян кардани андозаи ҷуброни зарар, нафақае, ки ба шахс вобаста ба марги саробон таъин шудааст, инчунин навъҳои дигари нафақаҳое, ки то фавти саробон ё пас аз фавти ӯ таъин карда шудааст, инчунин музди меҳнат, стипендия ба маблағи ҷуброн ҳисоб карда намешавад.

Қисми маблағи ба ҳар як шахси барои ҷуброни зарар ҳуқуқдошта аз нав ҳисоб карда намешавад, ғайр аз ҳолатҳои баъди фавти саробон таваллуд шудани тифл; таъин (қатъ)-и пардохти ҷубронпулӣ бо шахсе, ки ба нигоҳубини фарзандон, наберагон, бародарон ва хоҳарони саробони фавтида машғуланд. Ҳаҷм ва андозаи ҷуброн мумкин аст бо қонун ё шартнома зиёд карда шавад.

29. Мутобиқи талаботи қисми 3 моддаи 213-и КМГ, агар баъди эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалнома, ки дар асоси он аз ҷавобгар пардохтҳои давравӣ ситонида мешавад, ҳолатҳо тарзе тағйир ёбанд, ки ба муайян намудани ҳаҷми пардохт ё давомнокии он таъсир мерасонад, ҳар яке аз тарафҳо ҳуқуқ дорад бо роҳи пешниҳоди даъвои нав тағйир додани ҳаҷм ва мӯҳлати пардохтро талаб намояд.

Мавриди баррасии баҳсҳо оид ба тағйир додани ҳаҷми ҷуброни зарар, суд, судяҳо бояд талаботи пешбининамудаи моддаи 1106-и КГ-ро ба роҳбарӣ гиранд.

Агар баъди қабули ҳалнома механизми индексатсияи ҳармоҳаи ҷуброни зараре, ки дар ҳалнома муайян карда шудааст, бо тартиби муқарраркардаи қонун тағйир дода шуда бошад, пас ин ҳолат барои бекор кардани ҳалнома асос намешавад, зеро ба моҳияти он таъсир намерасонад. Дар чунин ҳолат суде, ки парвандаро баррасӣ намудааст, дар асоси аризаи шахсони иштирокчии парванда ҳуқуқ дорад мувофиқи моддаи 207-и КМГ тартиби иҷрои ин ҳалномаро бо татбиқи механизми нави индексатсия тағйир диҳад.

30. Ҳангоми ҳалли баҳсҳо оид ба андозаи ҷуброни зарар вобаста ба боло рафтани арзиши рӯзгузаронӣ ва афзудани нишондиҳанда барои ҳисобҳо суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки мутобиқи

талаботи моддаи 1107-и КГ маблағи ҷуброни зараре, ки шаҳрванд вобаста ба расонидани зарар ба саломатӣ ё марги ҷабрдида мепардозад, бояд ҳангоми боло рафтани арзиши рӯзгузаронӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун индексатсия карда шавад. Индексатсияи маблағҳо бо тартиби муқаррарнамудаи моддаи 212-и КМГ ба амал бароварда мешавад.

Тибқи тартиби муқарарнамудаи қонун баланд бардоштани нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ҷуброни музди меҳнати (даромади) аздастдодашуда ва дигар пардохтҳои вобаста ба расонидани зарар ба саломатӣ ва марги ҷабрдида таъингардида мутаносибан ба баланд шудани нишондиҳанда барои ҳисобҳо меафзояд (моддаи 341-и КГ).

31. Суд, судяҳо ба назар гиранд, ки дар ҳолати мавҷуд будани асосҳои мӯътамад, бо назардошти имконияти зараррасон метавонанд бо талаби шаҳрванди ба ҷуброни зарар ҳуқуқдошта, тартиби пардохти маблағро, ки дар қисми якуми моддаи 1108-и КГ муқаррар гардидааст, тағйир дода, дар хусуси якдафъаина анҷом додани ҳамаи пардохтҳо, вале на барои бештар аз се сол, қарор барорад.

Чунин тартиби рӯёнидан бо талаби ҷабрдида дар ҳолати мавҷуд будани сабабҳои узрнок (масалан, ҳангоми аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истиқомати доимӣ баромада рафтан, вақте ки иҷроиши ҳалномаи суд имконнопазир ё мушкил мегардад, инчунин ҳангоми ҳолати вазнини молумулкии ҷабрдида, дар таъминоташ доштани фарзандон ва ба гирифтани маблағи яквақта барои пӯшонидани хароҷотҳои зарурӣ эҳтиёҷ дорад) мумкин аст.

Ҷуброни хароҷоти иловагӣ барои замони оянда дар доираи муҳлатҳои пешбинигардидаи хулосаи экспертизаи тиббӣ муқарраргардида, инчунин ҳангоми зарурати пардохти пешакии арзиши хизматрасонӣ ва амвол (масалан, ба даст овардани роҳхати истироҳатгоҳ, роҳкиро, пардохти воситаҳои нақлиёти махсус ва ғайра) метавонад сурат гирад.

Ғайр аз он, қонун ба ҷабрдида ҳуқуқ додааст, ки қатъ ё фавран иҷрои ӯҳдадориро талаб намояд. Чунин талабот бо роҳи ба сармоя даровардан (капитализатсияи) пардохтҳои вақтбайъӣ қонеъ карда мешавад.

32. Зимни азнавташкилшавии шахси ҳуқуқӣ, ки тибқи тартиби муқарраргардида барои зарари ба ҳаёт ё саломатӣ расонидашуда масъул эътироф шудааст, ӯҳдадории вобаста ба пардохтҳои дахлдор ба зиммаи ҳуқуққабулкунандаи ӯ гузошта мешавад. Талабот оид ба ҷуброни зарар низ ба ӯ пешниҳод карда мешавад (моддаи 1109-и КГ).

Барҳам додани шахси ҳуқуқӣ, боиси қатъ гардидани он бе гузашти ҳуқуқу ӯҳдадориҳояш бо тартиби ҳуқуққабулкунанда мегардад. Дар давраи барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ, ки бо тартиби муқарраргардида барои ҷуброни зарари ба ҳаёт ё саломатӣ расонидашуда масъул эътироф шудааст, бо мақсади он, ки ин маблағҳо ба ташкилоте, ки ӯҳдадор аст дар оянда ҷуброни зарарро пардохт намояд, ба сармоя даровардан (капитализатсия) карда мешавад.

Дар ҳолате ки, агар ба сармоя даровардан (капитализатсия)-и пардохт аз сабаби мавҷуд набудан ё нокифоя будани амволи шахси ҳуқуқии барҳамдодашаванда ғайриимкон бошад, маблағҳои таъингардида аз ҷониби давлат тибқи қоидаҳои пешбининамудаи қонун пардохта мешавад.

Суд, судяҳо бояд ба инобат гиранд, ки ҳангоми аз ҷониби суд муфлис эътироф шудани шахси ҳуқуқӣ, инчунин тибқи қарори муштарак бо кредиторон дар хусуси муфлисшавии худ эълон кардани шахси ҳуқуқӣ боиси барҳам додани ин шахси ҳуқуқӣ мегардад. Бинобар ин, масъалаи ҷуброни зарари ба ҳаёт ва саломатӣ расонидашуда ҳангоми муфлисшавии шахси ҳуқуқӣ тибқи талаботи сархатҳои 2-3 ҳамин банд ҳал карда мешаванд.

33. Азбаски расонидани зарар ба ҳаёт ё саломатии шаҳрванд манфиати шахсии ғайримоддии ӯро халалдор сохта, азоби ҷисмонӣ ва руҳӣ мерасонад, ҷабрдида дар баробари ҷуброни зарари молумулкии расонидашуда ҳуқуқ ба ҷуброни маънавӣ низ дорад.

Агар зарар ба ҳаёт ё саломатии шаҳрванд аз манбаи дорои хатари калон расида бошад, он гоҳ зарари маънавӣ сарфи назар аз гуноҳи зараррасон ҷуброн карда мешавад (моддаи 1115-и КГ).

Диққати суд, судяҳо ба он равона карда шавад, ки бинобар ба саломатии ҷабрдида расонидани зарар, дар ҳама ҳолат ӯ азоби ҷисмонӣ ва рӯҳӣ мекашад, ки ин ҳолат ҳамчун ба вай расонидани зарари маънавӣ фаҳмида мешавад. Дар чунин маврид танҳо андозаи зарари маънавӣ муайян карда мешавад.

Мавриди баррасии парвандаҳо оид ба ҷуброни зарари маънавӣ вобаста ба фавти ҷабрдида шаҳрванд ба дигар шахсон, аз ҷумла ба аъзоёни оилаи ӯ, тахти таъминоти шаҳрванди фавтида будагон бояд ҳолатҳое, ки аз мушаххасоти ранҷу азоби ҷисмонӣ ва рӯҳии ба ин шахсон расонидашуда шаҳодат медиҳад ба назар гирифта шаванд. Ҳолатҳои мазкур, инчунин барои муайян кардани андозаи ҷуброни зарар таъсир мерасонанд.

Муайян кардани андозаи ҷуброни зарар бо дарназардошти талаботи оқилона ва одилона, инчунин судҳо бояд дараҷаи вазнинии ҷароҳат, дигар осеби саломатӣ, ҳолатҳои дигаре, ки оид ба азобҳои ҷисмонӣ ва маънавии ҷабрдида шаҳодат медиҳанд ва бо дарназардошти вазъи молу мулкии зараррасон, дараҷаи гуноҳи ҷабрдида ва дигар ҳолатҳои мушаххасро ба назар гиранд.

34. Коллегияи ҳарби, коллегияҳои судӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ ва оилавии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, судҳои ВМКБ, вилоятҳо ва суди шаҳри Душанбе бо мақсади муайян кардани камбудиҳо таҷрибаи баррасии судӣ оид ба парвандаҳо вобаста ба ҷуброни зарари ба ҳаёт ё саломатии шаҳрванд расонидашударо мунтазам ҷамъбаст намуда, барои бартараф намудани онҳо чораҳо андешанд.

35. Бо қабули қарори мазкур қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баъзе масъалаҳо аз ҷониби судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ намудани қонунгузорӣ оид ба ҷуброни зарари ба

саломатӣ расонидашуда» аз 28 декабри соли 1989 таҳти №8 бо тағйиротҳое, ки бо қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2003 таҳти №7 «Дар бораи ворид намудани тағйиротҳо ба қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №8 аз 28 декабри соли 1989 «Дар бораи баъзе масъалаҳо аз ҷониби судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ намудани қонунгузорӣ оид ба ҷуброни зарари ба саломатӣ расонидашуда» аз эътибор соқит дониста шавад.

Раиси Пленум
Раиси Суди Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуллоев Н.

Котиби Пленум
судяи Суди Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидов М.